**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Барномаи таълимии дарсҳои тарбиявӣ аз фанни

# «АСОСҲОИ ИНТИХОБИ КАСБ»

## (барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ)

**Душанбе- 2017**

Давлатзода С., Назирӣ Л. Барномаи таълимии дарсҳои тарбиявӣ аз фанни **«АСОСҲОИ ИНТИХОБИ КАСБ»** (барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ). - Душанбе, 2017. 20 саҳ.

**Мураттибон:** Давлатзода С
Назирӣ Л.

Ба чопхона 18.07.2017 супорида шуд.
Ба чоп 19.07.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16.Ҷузъи чопии шартӣ 1,25
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13[а]
Тел.: 227-48-09. E-mail: **mmarkaz@list.ru**

## Нақшаи мавзӯии барномаи таълимии дарсҳои тарбиявии фанни «Асосҳои интихоби касб»

### Боби 1. Низоми танзимкунандаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи таҳсилоти касбӣ.
2. Низоми омодасозии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
   *зинаҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон:*
   – таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ);
   – таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо);
   – таҳсилоти олии касбӣ (донишгоҳҳо ва донишкадаҳои олӣ);
   – таҳсилоти касбии баъдидипломӣ (муассисаҳои баландбардории маҳорати касбӣ).
3. Моҳият, мақсад ва мазумуни тарбияи касбӣ. Унсурҳои асосии системаи тайёрии касбӣ. Касб ва ихтисос. Ихтисос чист? Гиппократ оид ба ахлоқи касбӣ. Вазифахои асосии фанни этикаи касбӣ.
4. Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби дурусти касб.
5. Аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он.

### Боби 2. Меҳнат асоси рушди камолоти инсон

6. Меҳнат – омили асосии рушди инсон ва шаҳрванд.
7. Интихоби бошууронаи касб – омили пешрафт ва ташаккули шахс.
8. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбмуайянкунии ҷавонон
9. Маркази миллии тестӣ ва роҳҳои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

### Боби 3. Касбу ҳунари бозори дохилии кишвар

10. Педагогика (касбҳои омӯзгорӣ):
    – омӯзгори фанҳои таълимӣ;
    – омӯзгор ва мураббии муассисаҳои таълимию тарбиявии махсусгардонишуда (олигофренопедагогика, сурдопедагогика, логопед, дефектолог);
    – мураббӣ – омӯзгори муассисаҳои томактабӣ;
    – психологи мактабӣ.
11. Муассисҳои таҳсилоти касбии нигоҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.
    – кори иҷтимоӣ;
    – табиб (духтур);
    – кори момодоягӣ;
    – кори умумитиббӣ;
    – кори фармасевтӣ;
    – ташхисгар;
    – касбҳои тиббӣ-лабораторӣ
12. Сохтмон ва хоҷагии манзилӣ
    – муҳандис;
    – меъморӣ;

– сохтмончӣ;
– кандакорӣ дар чӯб;
– дуредгар;
– челонгар;
– харрот.

13. Саноати сабук ва хидмати маишӣ:
– муҳосиб бо донистани компютер
– санъати дизайн, тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ;
– оператор-танзимгар;
– коргузор;
– дӯзанда;
– заргар;
– қолинбоф;
– фурӯшанда;
– пешхидмат;
– менеҷери тарабхона;
– ороишгари мӯй

14. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокӣ:
– нонпаз
– қаннод
– технологи истеҳсоли консерва

15.Технологияи истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширу чурғот

16. Техника, технология ва таҷҳизот:
– радиофизик, техники микро ва наноэлектронӣ;
– техникаи ҳисоббарор. Воситаҳои математикӣ ва барномасозӣ;
– автомобил, трактор, воситаи нақлиёти рӯйизаминӣ;
– челонгари таъмири автомобил;
– нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, обӣ;
– филизгудозӣ (металлургия) ва энергетика;

17. Кафшергари газию барқӣ:
– устои таъмиргари таҷҳизотҳои сардкунанда

18. Фермер – соҳибкор:
– кишоварзӣ;
– чорводорӣ;
– занбӯри асалпарварӣ;

19. Муҳосиб:
– баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит;
– андоз ва андозбандӣ;
– кори бонкӣ;
– иқтисоди байналмилалӣ;
– молия;
– менеҷмент;
– менеҷер

20. Ҳуқуқшинос:
– ҳуқуқи байналмилалӣ;
– ҳукуқи иқтисодӣ;

– фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.
21. Идораи қисмҳои ҳарбӣ ва таъмини намуди қӯшунҳо.
22. Амнияти давлатӣ.
23. Бехатарии иттилоотӣ.

**Мавзӯи 1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи таҳсилоти касбӣ.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бора таҳсилоти ибтидоии касбӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти далатии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар солҳои 2008-2015 ва як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оиди рушди таҳсилоти касбӣ.

**Мавзӯи 2. Низоми омодасозии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Зинаҳои таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:*

**Таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ)**

Дар ҷумҳурӣ 61 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (11-то дар шаҳри Душанбе, 17-то дар вилояти Хатлон, 22-то дар вилояти Суғд, 1-то дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 10-то дар ноҳияҳои тобеи марказ) фаъолият мекунад.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 14 самт ва 96 ихтисос барои иқтисодиёти миллӣ мутахассис тайёр мекунанд.Муҳлати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 2 сол буда, хонандагон пас аз хатми онҳо метавонанд ба курси дуюми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил карда шаванд.

**Таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо)**

Таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз зинаҳои муҳими соҳаи маориф буда, ба омода кардани мутахассисони касбӣ равона карда шудааст. Дар ҷумҳурӣ 66 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷ), аз ҷумла 54 муассисаи таълимии давлатӣ ва 12 муассисаи таълимии ғайридавлатӣ ва ҳамзамон гурӯҳҳои мақсадноки тиббӣ ва омӯзгорӣ низ фаъолият мекунанд. Таҳсил дар муассисаҳои миёнаи касбӣ аз рӯйи 6 равия омода карда мешавад. Таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи таҳсилоти асосӣ (синфи 9) ва дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11) ба роҳ монда мешавад.

**Таҳсилоти олии касбӣ**

Таҳсилоти олии касбӣ – зинаи таҳсилотест, ки дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ё тариқи идомаи таҳсил дар заминаи

таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) дар бораи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои таҳсилоти олии касбии нопурра, бакалавр (пурра) ва магистр муайян карда шудааст.

***Зинаи якуми таҳсилоти олии касбӣ*** – таҳсилоти олии касбии нопурра маҳсуб ёфта, он бояд аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи як қисми барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шавад.

***Зинаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ*** – таҳсилоти олии касбие мебошад, ки он бояд дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаи асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда шуда, омодагии хатмкунандаи дорои дараҷаи академии «бакалавр»-ро таъмин кунад.

***Зинаи сеюми таҳсилоти олии касбӣ***– таҳсилоти олии касбие мебошад, ки он дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбии таъминкунандаи омодагии хатмкунандаи дорои дараҷаи академии магистр ба роҳ монда мешавад.

**Таҳсилоти касбии баъди дипломӣ**

Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ – зинаи таҳсилотест, ки дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) дар бораи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад.

**Мавзӯи 3.Моҳият, мақсад ва мазумуни тарбияи касбӣ**

Умумият ва фарқияти касб аз ҳунар. Нақши падару модар, омӯзгор ва калонсолон дар интихоби касб. Роҳҳои пайдо намудани ҷойи кори мувофиқ баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ибтидоиву миёнаи касбӣ. Интихоби дурусти касб, ки дар бозори меҳнат ба онҳо талабот аст. Нақши донистани забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар интихоби касб. Курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳо ва касбу ҳунарҳои мардумӣ. Ҷалб намудани наврасону ҷавонон ба курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ. Курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ - роҳ ба ояндаи рӯшан.

**Мавзӯи 4. Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби дурусти касб**

Муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобастаи шахсони воқеӣ, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар ташкилотҳо, ташкилоту муассисаҳои ҳама гуна шакли моликият кор мекунанд,бо санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқииҶумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат танзим мегардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар шахс кафолат ба меҳнат, интихоби касб, кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ аз бекориро медиҳад.

Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб ба инсон имконият медиҳад, ки талаботи моддии худро қонеъ гардонад, озодона касби дилхоҳашро интихоб намояд, кор кунад ва мувофиқ ба меҳнаташ музди меҳнат бигирад. Ҳуқуқ ба меҳнат ва интихоби касб ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд буда, озодии меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби касб, ҳуқуқи ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқ ба шароити хуби меҳнатӣ, ҳуқуқи нафақа ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқ ва имконияти баробар доранд. Ҳама гуна фарқгузорӣ, иҷозат надодан ва ё қабул накардан ба кор аз рӯйи аломатҳои мансубияти миллӣ, нажодӣ ранги пӯст, ҷинсият, синну сол, дин, ақидаи сиёсӣ, маҳалли таваллуд, баромади хориҷӣ ё иҷтимоӣ, ки баробарии имкониятро дар соҳаи меҳнат барҳам мезанад, манъ аст. Дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст: «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад». Барои таъмини иҷрои моддаи мазкур бояд ҳар як шаҳрванд меҳнатро ҳамчун асоси зиндагӣ ва пешрафти он, таъмин намудани эҳтиёҷоти меҳнатӣ ва табии худ қабул намуда, дар интихоби касбу ҳунар ва шуғли арзанда фаъолона ва бошуурона муносибат кунад.

### Мавзӯи 5. Аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд барои кормандон шароити мусоиди истеҳсолӣ фароҳам оварда шуда, риоя намудани қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва ҳимоя аз сӯхтор таъмин карда шавад. Пардохти музди меҳнати корманд ҳангоми ба фаъолияти корӣ машғул ва бо шароити хуби корӣ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани корманд.

Нақши иттифоқи касаба ҷиҳати ҳифз ва ҳимоя намудани манфиати шаҳрвандон дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзоён. Дар ҳолати аз даст додани қобилияти корӣ ва гирифтани маъюбӣ дар ҷойи кор ё сафарҳои хидматии корӣ тибқи қонунгузорӣ ҳифз ва ҳимоя карда шуда, дар доираи имконият дастгирии иҷтимоии онҳо таъмин карда шуда, ҷуброни он ба шаҳрванд баргардронида мешавад.

### Мавзӯи 6. Меҳнат – омили асосии рушди инсон ва шаҳрванд

Кор (меҳнат) – воситаи асосии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият. Меҳнат инсонро чун шахси баркамол муаррафӣ намуда, маҳз тавассути кӯшишу ғайрат ва талошҳои шабонарӯзӣ ӯро ба қуллаи баланди мақсуд мерасонад, яъне инсон дар ҷараёни кор мавқеи худро дар ҷомеа пайдо намуда, ташаккул меёбад. Сарбаландии ҳар як қавму миллат

натиҷаи кору заҳмат ва дастовардҳои шаҳрвандони ӯст. Рушди соҳаҳои мухталифи ҷомеа бафаъолияти мутахассисони касбӣ ва соҳибтаҷриба вобаста аст.

## Мавзӯи 7. Интихоби бошууронаи касб – омили пешрафт ва ташаккули шахсият

Интихоби касб масъалаи муҳими ҳаётӣ буда, ба имконияту қобилият, донишу хоҳиши  шахс, шавқу ҳавас ва майлу рағбати инсон мувофиқат карда, хусусиятҳои табиии он дар замири шахс дар давраи муайяни синнусолӣ пайдо мешавад.

Имрӯз дар дунё беш аз 50 ҳазор намуди касб мавҷуд аст. Баробари тараққиёти босуръати илму техника, иқтисоди бозаргонӣ, талаботи бозори меҳнат ва пешравии ҷомеа 500 намуди касб аз байн рафта, ҳамзамон зиёда аз он касбҳои наву ҷавобгӯйи талаботи давру замон ба миён омадаанд. Оё ҷавонони имрӯза касбро аз рӯйи хоҳиш ва қобилияти худ интихоб мекунанд? Кадом касбро интихоб кунам? Оё донишу қобилият ва имконот барои гирифтани касби заруриам мувофиқат мекунад?  Баробари ҷавоб ҷӯстан ба ин саволҳо, бояд донист, ки ҳар як инсон фикру ақидаи худро доир ба интихоби касби ояндааш дорад.

## Мавзӯи 8. Нақшаҳои ҳаётӣ ва касбмуайянкунии ҷавонон

Нақшаҳои ҳаётӣ аз орзуҳо фарқ мекунанд. Нақшаҳои ҳаётӣ бо интихоби бошууронаи касб алоқаманд мебошанд. Интихоби касб барои наврасон ва ҷавонон масъалаи маънавӣ низ ба ҳисоб меравад. Ин ваҷҳи иҷтимоӣ-маънавӣ буда, ба ҷавонписарон ва ҷавондухтарон хос мебошад. Дар боби 4-и Конистутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки ҷавонписарон ва ҷавондухтарон на танҳо ба меҳнат, инчунин ба интихоби касб, машғулияти дилхоҳ, корҳое, ки қобилияти тайёрии касбӣ, маълумот ва ба ҳисобгирии талаботи ҷамъиятӣ дошта, ҳуқуқ доранд.

Давраҳои худмуайянкунии касбӣ дар адабиёти педагогӣ-психологӣ инҳоянд:

- давраи якум фаъолияти бозӣ мебошад, ки  кӯдакон тавассути бозӣ ба худ касбҳои гуногунро интихоб намуда, нақшеро иҷро мекунанд. Мисол, кӯдак ронанда шуда мошинро меронад, табиб шуда ба беморон сӯзандору мегузаронад, фурӯшанда шуда ба харидорон маводи хӯрокӣ медиҳад ва ғайра;

-давраи дуюм орзуҳои хаёлии (муҳоботи)  наврасон буда, онҳо худро дар симои қаҳрамонҳои кино ва ё театр тасаввур карда орзуҳои зиёде ба ин ё он касб мекунанд. Масалан, орзу мекунанд, ки кайҳонавард ё ихтироъкори машҳуре шудаанд, ки бо ихтирои худ ҳамаро ба ҳайрат  мегузоранд ва ғайра.

-давраи сеюм синнусоли наврасӣ ва қисман айёми ҷавониро дар бар гирифта, дар ин давра наврасон ва ҷавонон касбу ҳунари гуногунро интихоб мекунанд. Намудҳои гуногуни фаъолият ҳаваси касбии наврасонро ба вуҷуд меорад. Масалан, шумо андеша доред, ки

«ман риёзиётро худ медонам ва ба омӯзиши он ҷиддӣ машғул хоҳам шуд, зеро дар оянда ман иқтисодчӣ хоҳам шуд» ё «барои он ки хонасоз ё муҳандис шавам, бояд муассисаи таҳсилотиро интихоб намоям"  ва ғайра.

-давраи чорум давраи қарори қатъӣ қабул кардан буда, ҷавонон он касбҳоеро интихоб мекунанд, ки он аз ду ҷузъи асосӣ иборат аст; муайян намудани дараҷаи таснифи фаъолияти меҳнатӣ, ки дар оянда даркор мешавад ва ба ҳаҷму давомнокии фаъолияти меҳнатӣ худро тайёр намудани ҷавонон. Дар ин давра ҷавонписарон ва ҷавондухтарон аввал соҳаи фаъолиятро (омӯзгор шудан мехоҳам) муайян мекунанд ва баъд дараҷаи онро бо гурӯҳҳо ҷудо мекунанд: омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори фанни таърих мешавам ва ғайра.

**Мавзӯи 9. Маркази миллии тестӣ ва роҳҳои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

Пешрафти босуръати илму техника, технологияҳои пешқадам, татбиқи усулҳои инноватсионӣ,  рушди тафаккури илмиву иттилоотӣ ба сатҳу сифати тарбияи ҷавонони соҳибмаърифат ва донишманду навовар вобастагии зич дорад.

Ҷорӣ намудани меъёрҳои муосири таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисони баландихтисосу соҳибмаърифат ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ  навсозии низоми таҳсилоти касбиро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тақозо менамояд.

Қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо усулҳои инноватсионӣ барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ба роҳ монда шудааст. Таҷрибаи кишварҳое, ки чунин тартиби қабули имтиҳонҳоро ҷорӣ кардаанд, нишон медиҳад, ки низоми мазкур барои интихоби шогирдони дар ҳақиқат сазовори номи донишҷӯй, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва сатҳи азхудкунии дониш, хулоса дар ҷодаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ нақши муҳим мебозад.

Тавассути  Маркази миллии тестӣ ба роҳ мондани имтиҳонҳои дохилшавӣ дар нуктаҳои ба макони зисти довталабон наздик, шаффоф, объективона ва бо таъмини иштироки баробару озодона ба роҳ монда мешавад.

## ИМТИҲОНҲОИ ЭҶОДӢ ВА МАҲОРАТ

Имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратро довталабоне месупоранд, ки аз рӯйи талаботи қоидаҳои қабул барои дохил шудан ба ин ихтисосҳо омодагии эҷодӣ ва маҳорат барои онҳо ҳатмӣ мебошад.

**Боби 3. Касбу ҳунари бозори дохилии кишвар**

10. Педагогика (касбҳои омӯзгорӣ):

– омӯзгори фанҳои таълимӣ;

– омӯзгор ва мураббии муассисаҳои таълимию тарбиявии махсусгардонидашуда (олигофренопедагогика, сурдопедагогика, логопед, дефектолог);

– мураббӣ – омӯзгори муассисаҳои томактабӣ;

– психологи мактабӣ.

– ҳуҷҷатнигор.

Вақте ки мафҳумҳои омӯзгор-муаллимро ба забон меорем, пеш аз ҳамаомӯзонандаи илму дониш, фарҳангу адаб ва таъриху иқтисодиёти кишварба назар мерасад. Омӯзгор ва касби омӯзгорӣба доираи касбии «одам – одам» рост омада, фаъолияти асосии ин касб ба омӯзониданиилму адаб ва тарбияи инсон равона карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон аз руйи зиёда аз 3000 касбу ихтисос фаъолият мекунанд. Касбҳо дар навбати худ ба ихтисосҳо ҷудо мешаванд: Масалан, касби омӯзгорӣ ихтисосҳои зиёдро ба монанди омӯзгори фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва ғайра.

**Ҳуҷҷатнигор**

Ҳуҷҷатнигорон бо кори ҳуҷҷатнигорӣ машғул мешаванд. Фаъолияти ҳуҷҷатнигоронро ба якчанд марҳилае, ки бо ҳам алоқаманданд, ҷудо кардан мумкин аст: омода кардани ҳуҷҷат; ба қайд гирифтан; коркард; муҳофизат ва нигоҳдоштани он. Ҳуҷҷатнигорон мактубҳои ба корхона ва ё ташкилот воридшавандаро қабул намуда, онҳоро ба шахсони масъул, ирсол мекунанд, гардиши ҳуҷҷатҳо ва иҷрои дастурҳои дар онҳо қайдшударо назорат мекунанд. Онҳо дар кори худ дастгоҳҳои гуногуни техникӣ аз қабили: телефон, факс, дастгоҳи нусхабардорӣ, принтер ва сканерро истифода мебаранд. Ҳуҷҷатнигор бояд бо асосҳои андоз, молия, судӣ ва дигар қонунгузорие, ки ӯ бо он сару кор дорад, шинос бошад.

**11. Муассисаҳои таҳсилоти касбии нигоҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

– кори иҷтимоӣ;

– табиб (духтур);

– кори момодоягӣ;

– кори умумитиббӣ;

– кори фармасевтӣ;

– ташхисгар;

– касбҳои тиббӣ-лабораторӣ

Духтур шахсест, ки саломатии одам аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти ӯ вобастагӣ дорад. Ҳаёти инсон ба он вобастааст, ки духтур бо чӣ ӯро табобат мекунаду кадом усули муолиҷаро интихоб мекунад.

Касби табибӣ (духтурӣ), як қатор ихтисосҳоро дар бар мегирад: духтури чашм, духтури дандон, духтури ҷарроҳ, духтури амрози занона, духтури бачагона ва ғайра. Ҳар як ихтисоси касби духтурӣ дар ҷомеа зарур буда, барои солим нигоҳ доштани ҳаёти инсон хидмат ме-

кунанд. Касби духтурӣ баробари пайдоиши инсон пайдо шуда, дар ибтидо дар асоси таҷрибаҳои ҳаётӣ аз гиёҳу рустаниҳои табиӣ барои рафъи бемориҳо, захмҳо истифода карда мешуд, ки онро тибби халқӣ меноманд.

## 12. Сохтмон ва хоҷагии манзилӣ

– муҳандис;
– меъмор;
– сохтмончӣ;
– кандакор дар чӯб;
– дуредгар;
– челонгар;
– харрот.
– муҳандис;
– меъморӣ;
– сохтмончӣ;
– монтёри барқӣ;
– кандакорӣ дар чӯб;
– дуредгар;
– челонгар;
– харрот.

### Касби харротӣ

Бо махсусияти ин касб аввалин маротиба дар мактаби миёна дар дарсҳои технология шинос шудан мумкин аст. Кори харрот тавассути буридан, тарошидани маҳсулоти нимтайёрӣ филизӣ (металлӣ) ва аз он тайёр кардани маҳсулот ба шакли зарурӣ иборат мебошад. Қисматҳои зиёди ҷузъҳои ашё ва механизмҳои гуногун дар замони мо дар коргоҳҳои харротӣ истеҳсол карда мешавад.

Хидматрасонии харротон дар ҷамъият муҳим аст. Онҳо дар бисёр муассисаҳои саноатӣ, коммуналӣ, васлкунӣ, таъмиру тармим ва ғайра фаъолият мекунанд. Барои харрот шудан фанҳои химия, математика, геометрия, информатика ва технологияро донистан зарур аст.

### Касби сохтмончӣ

**Сохтмон** – кисми мустақили алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат буда, барои сохтани биноҳои нав, таҷдид (реконструксия), васеъкунӣ, таъмир ва таҷҳизонидани биноҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ истифода мешавад. Сохтмон бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт (асосан бо саноат) алоқаи зич дорад. Саноат сохтмонро бо мошинҳо, масолеҳ, конструксияҳо, энергияи барқ ва дигар маводди зарурӣ таъмин мекунад. Масалан, барои ҳосил намудани маҳсулоти ниҳоии сохтмон кариб 70 соҳаи хоҷагии халқ маҳсулот мефиристанд.

**Монтёри барқ**

Аҳамияти барқ дар ҳаёти инсон басо зарур аст. Дар ҷомеа талабот ба касби монтёри барқ дар ҳамаи давру замон буд ва боқӣ мемонад. Касоне, ки ба касби монтёрӣ машғул мешаванд, бояд эҳтиёткору аз ҷиҳати ҷисмонӣ хеле обутобёфта бошанд. Сол то сол талаботи ҷомеа ба касби монтёри барқӣ зиёд мешавад. Бунёди истгоҳҳои барқӣ ва таъмини онҳо бо таҷҳизоти муосир ва мутахассисони монтёри барқӣ зарур аст. Ба сифати корҳои баанҷомрасондаи мутахассисони монтёри барқӣ кори мунтазами корхонаю муассисаҳо ва биноҳои истиқоматӣ вобастагӣ дорад.

**13. Саноати сабук ва хидмати маишӣ:**

– муҳосиб бо донистани компютер
– санъати дизайн, тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ;
– оператор-танзимгар;
– коргузор;
– дӯзанда;
– заргар;
– қолинбоф;
– фурӯшанда;
– пешхидмат;
– менеҷери тарабхона;
– ороишгари мӯй

Саноати сабук ва хидмати маишӣ таърихи куҳан дошта, дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Доираи фаъолияти касбҳои ин соҳа барои ташкили ҷойи нави кор, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад, мусоидат мекунад.

**14. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокӣ:**

– нонпаз
– қаннод
– технологи истеҳсолии консерва

Омода кардани хӯрок дар тамоми давру замон маъмул буда, сирру асрори худро дорад. Истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокӣ ва ғизо мутахассисест, ки донишу маҳорат, малака ва технологияи омода кардан ва эҷодкорӣ дорад.

**Қаннодӣ** яке аз намудҳои маҳсулоти хӯрокӣ буда, қаннодони моҳир дар ҳамаи давру замон маҳсулоти онро дар шаклҳои гуногун, бо тамъи хос тайёр мекунанд. Қаннод аз калимаи арабии «қанд//қаннодӣ) гирифта шуда, маънои ҳалвогар, қандсоз, ширинипаз, ҳалво ё ширинифурӯшро гӯянд. Дертар ин калима дар забонҳои аврупоӣ истифода шуда, дар шакли итолёвии "кандиере" ба кишварҳои дигар паҳн шудааст. Аврупоиҳо дар асри XVII маҳсулоти қаннодиро "кандир" нею "кондитер" номиданд, ки то имрӯз маъмул аст.

Касби қаннодиро дар муассисаҳои махсуси касбӣ омӯхтан мумкин аст. Ғайр аз ин дар маҳаллҳо, марказҳои касбомӯзӣ, муассисаҳои таълимӣ курсҳои омӯзишӣ ташкил карда шудааст, ки барои хоҳишмандон касби қаннодиро меомӯзанд.

**15. Технологияи истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширию ҷурғот**

Шир ва маҳсулоти ширӣ дар қатори дигар маҳсулоти ғизоӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Табиби машҳури олам Абӯалӣ ибни Сино ширро ҳамчун маҳсулоти шифоӣ, махсусан барои кӯдакони заиф эътироф кардааст. Нахустин маззае, ки кӯдаки навзод эҳсос мекунад, маззаи шир аст. Олимони рус И. П. Павлов ва С. П. Боткин низ бар ин ақидаанд, ки шир маҳсулоти беҳтарини табиӣ буда, барои меъда, гурда ва ҷигари бемор беҳтарин ғизо ба шумор меравад. Ҳиппократ онро барои беморони сил тавсия додааст. Таркиби шир зиёда аз 300 моддаи фоидаовар дорад.

Бинобар ин технологи истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширу ҷурғотро мутахассиси зарурӣ ва серталаб шуморидан мумкин аст.

**16. Техника, технология ва таҷҳизот:**

– техникаи ҳисоббарор. Воситаҳои математикӣ ва барномасозӣ;
– автомобил, трактор, воситаҳои нақлиёти рӯйизаминӣ;
– челонгари таъмири автомобил;
– нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, обӣ;
– металлургия ва энергетика

Ҷомеаи муосирро бе техника, механизм ва асбобҳои гуногуни техникӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тамоми истеҳсолоти саноатӣ ба истифодабарии техника вобаста карда шудааст. Ҳатто корҳо хонаву рӯзгордориро бе техникаи ёрирасон, ба монанди чангкашак, мошини либосшӯйӣ, комбайнҳои ошхона, печҳои гуногун, дарзмол ва даҳҳо намуди дигар тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳама намуди техника нигоҳубин, таъмир ва хидматрасониро талаб мекунад.

**Касби челонгарӣ**

Касби челонгарӣ касби маъмул аст ва челонгарон барои истеҳсолот заруранд. Челонгар ба монтаж, васлкунӣ, танзим, ба кор андохтан ва ташхиси механизмҳо сару кор дорад. Челонгар бояд аз донишҳои соҳаи физика, химия, технологияи истеҳсолӣ, хусусияти металҳо, равғанҳои молидании зиддикоррозия бохабар буда, ҳамзамон техникаи бехатариро риоя карда тавонад.

**Металлургия ва энергетика**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмашон (2016) иброз доштанд: «Тавре ки таъкид гардид, инкишофи соҳаи саноат, дар навбати аввал, аз истеҳсоли неруи барқ вобаста мебошад. Вале бояд гуфт, ки то ба имрӯз ҳаҷми неруи барқи дар кишвар истеҳсолша-

ванда барои таъмин намудани инкишофи устувори иқтисодиёт кифоят намекунад. Аз ин хотир, моро лозим аст, ки дар баробари ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсоли неруи барқ истифодаи самараноки онро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин намуда, махсусан, ба истифодаи техникаву таҷҳизоти каммасрафи барқӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳем».

Кишвари мо дорои захираҳои фаровони об мебошад ва он имконият медиҳад, ки тавассути мутахассисони касбӣ барои дастрасӣ ба энергия дар роҳ расидан ба ҳадафҳои рушди устувори ҷомеа, хусусан дар манотиқи куҳистон, яке аз масъалаи муҳимтарини рӯз гардад.

**17.Кафшергари газию барқӣ:**

– устои таъмиргари таҷҳизотҳои сардкунанда

Дар шароити имрӯза рушди шаҳрҳоро бе хонаҳои баландошёна ва биноҳои маъмурӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Сохтмони биноҳои баландошёнаро бе корҳои кафшергарӣ анҷом додан аз имкон берун аст. Касби кафшергарӣ пайваста рушд намуда, моҳияти иҷтимоии он афзоиш меёбад. Дар бозори меҳнат талабот ба кафшергарон, махсусан кафшергарони газию барқ рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст.

Кори кафшергари газию барқ аз мутахассисон омодагии хуби физикиро талаб мекунад. Биниши хуб, тафаккури техникӣ ва тасаввуроти фазоӣ сифатҳои хуб ва касбии кафшергар баҳисоб меравand.

Кафшергари газию барқӣ бояд таркиб ва принсипи хидматрасонии дастгоҳҳои газию барқӣ, навъҳои сим ва нақшҳои кафшергарӣ, қоидаҳои пайваст кардани симҳо, қоидаҳои техникаи бехатариро хуб донад.

**18. Фермер – соҳибкор:**

– кишоварзӣ;
– чорводорӣ;
– занбӯри асалпарварӣ;
– чорводорӣ;
– занбӯри асалпарварӣ;
– тракторчӣ-машинист;
– кишоварз

Соҳаи **фермерӣ-соҳибкорӣ**, яке аз соҳаҳои муҳим, даромаднок буда, дар солҳои соҳибистиқлолӣ рушд карда, дар пешравии ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар нақши худро дорад. Тахлили ҳайати синнусолии соҳибкорони инфиродӣ нишон медиҳад, ки аз 189 ҳазор субъекти дар ин самт фаъолияткунанда қариб 51 ҳазори онро ҷавонон ташкил медиҳанд

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ин масъала қайд намудаанд; «таваҷҷуҳи соҳибкорони ватанӣ ба бунёди корхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир оид ба коркарди меваю

сабзавот ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо, марказҳои логистикӣ, инчунин сардхонаҳои ҳозиразамон барои нигоҳдории меваю сабзавот равона карда шавад». Воқеан тибқи дастури мазкур садҳо соҳибкорони ватанӣ барои бунёди корхонаҳои муҷҷаҳаз бо технологияи муосир саҳм гузошта, ҷойҳои нави кории доимӣ барои шаҳрвандон муҳайё сохта истодаанд.

**19. Муҳосиб:**

– баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит;
– андоз ва андозбандӣ;
– кори бонкӣ;
– иқтисоди байналмилалӣ;
– молия;
– менеҷмент;
– менеҷер
– муҳосиб бо донистани компютер;
– баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит;
– андоз ва андозбандӣ;
– кори бонкӣ;
– иқтисоди байналмилалӣ;

**Муҳосиб бо донистани компютер**

Муҳосиб шахсест, ки мутахассиси соҳаи муҳосибот буда, дар соҳаи ҳисобу китоби молию пулӣ фаъолият пеш мебарад. Дар муассисаҳо муҳосибон дар самтҳои хазина, воситаҳои асосӣ, амалиёти пулӣ, ҳисоби музди кор фаъолият мекунанд.

Соҳаи асосии фаъолияти муҳосиб бо донистани компютер аз ташкил ва пешбурди ҳисоби муҳосибӣ ва молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ-хоҷагидорӣ, назорати истифодаи сарфакоронаи захираҳои молӣ, пулӣ ва корӣ, ҳифзи моликияти ташкилоту корхона иборат аст.

**20. Ҳуқуқшинос:**

– ҳуқуқи байналмилалӣ;
– ҳуқуқи иқтисодӣ;
– фаъолияи ҳифзи ҳуқуқ;
– ҳуқуқи байналмилалӣ;
– ҳуқуқи иқтисодӣ;
– фаъолияи ҳифзи ҳуқуқ.

Ҳуқуқшиносӣ касбест, ки дар бораи инсон ва арзишҳои ҳуқуқию ахлоқии ӯ, арзишҳои ҳаёти инсонӣ ва шаъну шараф, баробарӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳуқуқу озодиҳои худ ва дигарон маълумот медиҳад. Барои ҳуқуқшинос донистани мундариҷаи ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ҳатмист. Донистани мафҳумҳои "санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ", "қувваи юридикӣ", "Конститутсия", "қонун", "санади зерқонунӣ"-ро донистани ҳуқуқшинос ҳатмист. Дар ҳуқуқшинос рушд ёфтани малакаҳои таҳлилию иртиботӣ, таносуби муайян карда тавонистан, ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан, дар команда кор кардан, нуқтаи назари мустақили худро доштан муҳим аст, ки бояд дар ин соҳа рушд ёфта бошад.

**21. Идораи қисмҳои ҳарбӣ ва таъмини намуди қӯшунҳо.**

Дар шароити ҷаҳонишавии проблемаҳо, аз ҷумла таҳдиди хатарҳои терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои трансмиллӣ, хавфи бархурди тамаддунҳо, инчунин теъдодирӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон, вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои ҳар як шаҳрванди кишвар, хусусан ҷавонон масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

**22. Амнияти давлатӣ.**

Кумитаи амнияти миллӣ як ниҳоди махфӣ набуда, дар бораи фаъолияти ин ниҳод маълумот доштан муҳим аст. Кумитаи амният яке аз муҳимтарин ниҳодҳои давлатии мо, яке аз сутунҳои асосии давлатдории мост. Наврасону ҷавонон бояд дар бораи фаҳми дурусти амнияти миллӣ, зарурати таҳаввули арзишҳо, зарурати тақвияти ин ниҳоди муҳим ва ҳамкорӣ маълумот дошта бошанд. Ин мақоми давлатӣ дар замони шӯравӣ, агарчӣ як идораи бисёр қавӣ ва касбиву тавоно буд, вале барои миллати мо, арзишҳои мо ва давлатдории мо худӣ набуд. Он арзишҳои моро то андозаи зарурӣ ҳимоят намекард.

**23. Бехатарии иттилоотӣ.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, дар иҷрои ҳамаи фаъолияти касбӣ диққати махсус дода мешавад. Консепсияҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни идоракунии соҳаи мухталифи ҳаёти ҷомеа қабул гардидааст, ки рушди иттилоотонии ҷомеаро тавассути шабакаҳои компютерӣ метезонад. Ҳамзамон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул карда шуд, ки ҳадафи асосии барномаи мазкур рушди истифодаи технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим мебошад. Таъминоти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, адабиёти таълимии электронӣ, компютерҳои замонавии ба шабакаи Интернет пайвастшуда дар тайёр намудани мутахассисони касбии ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмиллалӣ мусоидат менамояд.